**Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон**
**ҚАРОР**

Дар бораи тасдиқ намудани сохтори ташкилии муассисаҳои кӯмаки аввалияи тиббию санитарӣ

Бо мақсади татбиқ намудани Консепсияи ислоҳоти соҳаи тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 4 марти соли 2002 № 94 тасдиқ шудааст, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор мекунад:

1. Сохтори ташкилии муассисаҳои давлатии кӯмаки аввалияи тиббию санитарӣ тасдиқ карда шавад (замима мегардад).

2. Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти ҳокимияти давлатӣ дар маҳалҳо (ҳукуматҳо) аз соли 2003 сар карда, сохтори муассисаҳои кӯмаки аввалияи тиббию санитариро мувофиқи ҳамин қарор ташкил намоянд.

3. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 15 сентябри соли 1997 № 423 "Дар бораи ба "Бунгоҳҳои тиббӣ" табдил додани нуқтаҳои фельдшерию акушерӣ" беэътибор дониста шавад.

Раиси
Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Э. Раҳмонов
аз 31 декабри соли 2002 № 525
ш. Душанбе

Бо қарори Ҳукумати
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз 31 декабри соли 2002 № 525
тасдиқ шудааст

**Сохтори ташкилии муассисаҳои кӯмаки аввалияи тиббию санитарӣ (КАТС)**

1. Марказҳои саломатии шаҳрӣ.
2. Марказҳои саломатии ноҳиявӣ.
3. Марказҳои саломатии деҳот.
4. Марказҳои тибби оилавӣ.
5. Амбулаторияҳои тибби оилавӣ дар сохтори марказҳои саломатии шаҳрӣ ва ноҳиявӣ.
6. Стансияҳои ёрии таъҷилии тиббӣ.
7. Бунгоҳҳои саломатӣ дар сохтори марказҳои саломатии деҳот.
8. Нуқтаҳои саломатӣ дар сохтори марказҳои саломатии шаҳрӣ ва ноҳиявӣ.

Эзоҳ:

Поликлиникаҳои мустақили шаҳри ва бо беморхонаҳои шаҳрӣ муттаҳидгардида ба Марказҳои саломатии шаҳрӣ, поликлиникаҳои мустақили ноҳиявӣ, поликлиникаи беморхонаҳои рақамдори ноҳиявӣ ва поликлиникаҳои беморхонаҳои марказиии ноҳия Марказҳои саломатии ноҳиявӣ, дармонгоҳҳои тиббии деҳот ва беморхонаҳои қитъавии деҳот ва Марказҳои саломатии деҳот, Бунгоҳҳои тиббӣ ва Бунгоҳҳои сайёри тиббӣ ба Бунгоҳҳои саломатӣ дар сохтори

марказҳои саломатии деҳот, нуқтаҳои тандарустӣ ба нуқтаҳои саломатӣ дар сохтори марказҳои саломатии шаҳрӣ ва ноҳиявӣ табдил мегарданд.

**ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

**ҚАРОР**

Дар бораи ба "Бунгоҳҳои тиббӣ" табдил додани нуқтаҳои фелдшерию акушерӣ

Вобаста ба ислоҳоти соҳаи тандурустӣ ва тайёр намудани мутахассисони соҳаи тиб, бо мақсади инкишоф ва дастрас будани ёрии аввалияи сифатноки тиббиву санитарӣ ба сокинони деҳот, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор мекунад:

1. Нуқтаҳои фелдшерию акушерӣ ба "Бунгоҳи тиббӣ" табдил дода шаванд.

2. Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон:

Оинномаи "Бунгоҳи тиббӣ" ва табели таҷҳизи онро тасдиқ намояд;

бо дарназардошти теъдоди аҳолии деҳот, ки ба хизматрасонии онҳо фаро гирифта мешаванд, мушаххасоти ҷуғрофӣ ва дигар хусусиятҳои маҳаллӣ меъёрҳои штатии "Бунгоҳи тиббӣ"-ро, ки имкони тавсияи дастраси ва беҳбудии сифати ёрии профилактикӣ ва аввалияи тиббиро ба аҳолии деҳот фароҳам оварда тавонанд бо Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати иқтисод ва робитаҳои иқтисодии хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати меҳнат ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон мувифиқа ва тасдиқ намояд;

мутобиқи ҳамин қарор ба номенклатураи муассисаҳои тиббӣ тағъирот ворид намояд.

3. Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқи ҳамин қарор дар таснифи фасли тандурустии буҷет (аломати "203") тағъирот ворид намояд.

4. Ҳукуматҳои ВМКБ, вилоятҳо, шаҳру ноҳияҳо барои беҳбудии маблағгузорӣ, инкишофи соҳа, пурзӯр намудани баҳои моддию техникӣ, тибқи табель, ҷиҳозонии "Бунгоҳҳои тиббӣ" дар деҳот чораҳо андешида, дастрасӣ ва беҳбудии сифати ёрии профилактикӣ ва аввалияи тиббиро ба аҳолии деҳот ҳамчун самти афзалиятноки соҳаи тандурустӣ баррасӣ намоянд.

Раиси
Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Э. Раҳмонов

аз 15 сентябри соли 1997 № 423
ш. Душанбе